آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

25 сентябри соли 2024 Чоршанбе № 77 (15088)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ПЕШНИҲОДОТ ОИД БА ТАКОМУЛИ ТАЪЛИМИ КАСБӢ МУҲОКИМА ГАРДИД

Президент Шавкат Мирзиёев 24 сентябр бо тақдимоти пешниҳодот оид ба рушди низоми таълими касбӣ ва ислоҳоти низоми миллии таснифот шинос гардид.

Ин вазифа дар ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба соҳаҳои иҷтимоӣ, ки 5 феврали соли ҷорӣ доир гардида буд, гузошта шуда буд. Дар давраи гузашта самаранокии низом аз лиҳози танқидӣ омӯхта шуда, чорабиниҳои иловагӣ таҳия гардиданд.

Ҳоло ҳозир низоми таълими касбӣ аз се намуди муассисаҳо иборат аст: 333 мактаби касбӣ, 227 техникум ва 112 коллеҷ. Бинобар тафовут ва вуҷуд надоштани иртибот байни барномаҳои таълимии онҳо иқтидори мавҷудаи муассисаҳо ғайрисамарабахш истифода мегарданд.

Аз ин боис пешниҳод мегардад, ки шабакаи техникумҳо дар пойгоҳи ин се намуди муассисаҳо инкишоф дода шавад. Бинобар пешниҳодот 600 техникум таъсис дода мешавад. Дар натиҷаи оптимизатсия 71 бинои муассисаи озодгардида ба мактаб табдил дода шуда, 42 ҳазор ҷойи нави таълимӣ ба вуҷуд меояд.

Ғайр аз ин, ҳоло коллеҷҳо дар назди вазорат ва идораҳои гуногун фаъолият доранд. Аз ин пас сиёсати ягонаи давлатӣ дар корҳои идора, ташкилӣ ва ҷиҳатҳои услубӣ аз ҷониби Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия ба амал татбиқ мешавад.

Барои зуд мутобиқ намудан ба талаботи замон васеъ намудани ихтиёрдории илмии техникумҳо дар назар аст. Пешбинӣ мегардад, ки муддат ва идомати таълим дар вобастагӣ аз мураккабии касб ва дараҷаи дониши хонандагон муайян карда шавад.

Бо мақсади баланд бардоштани сифат ва ҷолибияти таълим дар техникумҳо барномаҳои байналхалқии таълимӣ татбиқ мегарданд. Аввал ба сифати озмоиш дар 14 техникум барномаи англисии «BTEC» татбиқ карда мешавад. Ба хатмкунандагон дипломҳое дода мешаванд, ки дар 70 мамлакат эътироф гардида, инчунин имконоти дохил гардидан ба бештар аз 200 донишгоҳи хориҷиро медиҳад. Дар вобастагӣ аз натиҷаҳо ин таҷриба бо марҳалабандӣ дар дигар техникумҳо низ ҷорӣ хоҳад шуд.

Инчунин ташаккул додани ҷараёни қабул дар асоси талаботи кордиҳандагон муҳим мебошад. Бо ин мақсад платформаи электронӣ омода мешавад, ки ба он тамоми вазоратҳо ва соҳаҳо васл карда мешаванд. Барномаҳои таълимии техникумҳо пас аз ҳамоҳангӣ бо соҳаҳои саноат, иттиҳодияҳои соҳибкорон, кордиҳандагон ва ассотсиатсияҳои калон ба амал ҷорӣ карда мешавад.

Дар тақдимот инчунин масъалаҳои ислоҳи Низоми миллии таснифот баррасӣ гардиданд.

Дар солҳои охир дар ин самт корҳои муайян анҷом ёфтанд, аммо дар пеш вазифаҳои зиёд қарор дорад. Стандартҳо барои беш аз ҳазор касби коргарӣ таҳия нагаштааст. Таснифот оид ба баъзе касбҳо ба талаботи байналхалқӣ ҷавоб намедиҳад.

Бинобар ин акнун Шӯрои ҷумҳурӣ оид ба рушди таснифоти касбӣ ва дониш аз ҷониби Сарвазир роҳбарӣ карда мешавад. Дар таркиби шӯро 24 шӯрои нави соҳавӣ таъсис меёбад.

Ғайр аз ин, дар назди Маркази лоиҳаҳо дар соҳаи таълим Донишкадаи рушди низоми миллии таснифот ташкил мегардад. Донишкада дар асоси таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои рушднамуда Чорчӯбаи миллии таснифотро дар таҳрири нав таҳия месозад. Мусаннифи вазифа ва касбҳо бо илова намудани қариб сад касби замонавӣ ва хориҷ намудани онҳое, ки аҳамияти амалии худро аз даст додаанд, таҷдиди назар хоҳад шуд.

Роҳбари давлат фикри худро оид ба масъалаҳои таҷҳизонидани техникумҳо бо ҷиҳозҳо ва воситаҳои меҳнат, тарбияи кадрҳои ихтисосҳои коргарие, ки ба талаботи имрӯз ҷавобгӯ мебошанд, афзудани саҳми машғулоти амалӣ иброз намуд.

ЎзА.

ИНТИХОБИ МАН – ВАТАНИ ОБОДАМ!

27 ОКТЯБР – РӮЗИ ИНТИХОБОТИ ДЕПУТАТҲОИ ПАЛАТАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ШӮРОҲОИ МАҲАЛЛӢ

ИНТИХОБОТ 2024 27 ОКТЯБР ИНТИХОБИ МАН-ВАТАНИ ОБОДАМ

Матолиби мазкур дар доираи майдони бепули чопӣ, ки барои ташвиқоти пешазинтихоботии ҳизбҳои Ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либерал-демократии Ӯзбекистон ва Ҳизби демократии «Миллий тикланиш»-и Ӯзбекистон ҷудо шудааст, нашр мешаванд.

(Матолиби мазкурро аз саҳифаҳои 2 ва 3 мутолиа кунед).

Фармон ва шарҳ

ДАР ЗАРУРАТ БА СОҲИБКОР КУМАК РАСОНДАН Ё ХУД ХИДМАТИ ФАКТОРИНГ ЧӢ АҲАМИЯТ ДОРАД?

Дар бораи соҳибони тиҷорати бомуваффақият ва таърихи пайдоиши брендҳои машҳури дунё маълумоти ачиб хеле бисёранд. Дар байни онҳо соҳибкороне ҳастанд, ки бо маблағи ночизи аз шахсе гирифтаашон ба комёбии дараҷаи байналхалқӣ муваффақ шудаанд. Воқеан дар тиҷорат кумаки хурде, ки гоҳи зарурат гирифта шудааст, метавонад ба натиҷаҳои бузург поягузор бошад.

Мисоли ҳаётӣ. Кори дукони хӯрокворӣ, ки дар маҳалла ба наздикӣ кушода шуда буд, пеш нарафт. Барои фурӯш тамоми мавод мавҷуд, вале савдо натиҷаи хуб надорад. Аслан, дар оғози кор чунин сурат гирифтани он табиист, ба манзили нав одат кардани одамон осон намекӯчад. Агар сифат хуб ва нарх нисбатан арзон бошад, тамоми корҳо мувофиқи реҷа амалӣ мешаванд. Барои ин каме фурсат лозим аст, фурсат бошад, маблағ гуфтан аст.

Дар ҳолате, ки овардем, як масъалаи нозук ҳаст. Яъне, роҳбари корхонае, ки ба растаи дукон маҳсулот расонда медиҳад, мехоҳад аз соҳиби он дукон пулро ҳарчи зудтар ситонад. Маблағе, ки гирифта шуд, барои боз ҳам пурсамар фаъолият кардани истеҳсолгар муҳим мебошад. Соҳибкоре, ки аз оғози кораш фурсати зиёд нагузаштааст, бидуни зиёд намудани ҳаҷми савдо маблағи қарордодшударо наметавонад дар муддати пешбинишуда баргардонад. Ба ӯ барои ин муддати ночиз – як моҳ ташкилоте лозим аст, ки ақаллан кумаки моддӣ расонад. Ташкилот бошад бояд дар ҷараёни ҷудо кардани сармоя ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб накунад. Барои кумакҳои молиявиаш бо фоизи баланд подош нагирад. Минбаъд дар мамлакати мо барои чунин имконият фароҳам овардан хидмати факторинг ба роҳ монда мешавад.

Мо ҷараёни болоиро беҳуда муфассал баён накардем. Зеро ин тавзеҳ ба соҳибкоре, ки ба чунин муаммо ё мушкилоти ҳаммонанд дучор мешавад, фоидаовар аст.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Чорабиниҳои беш аз пеш инкишоф додани бозори хидматҳои факторинг» 12 августи соли 2024 ба имзо расид.

Мутахассисон факторингро мубодилаи даромади ояндаи маблағ меноманд.

Мисолеро, ки дар муқаддима овардем, ба охир мерасонем. Ба соҳибкоре, ки нав дукон кушодааст, барои вом гирифтан ҳанӯз «таърих»-и зарурӣ нест. Амволеро, ки онро ба гарав гузорад, низ надорад. Аз назари аввал вай барои бонкҳо субъекти ғайриэътимод мебошад. Вале хидматрасони маҳсулот – истеҳсолгар маблағи зиёди мубодила дорад. Фаъолияти ӯ сазовори таъриф буда, аз ҷиҳати иқтисодӣ қудратманд аст. Ба байни ин ду соҳибкор хидмати факторинг – бонк, ташкилоти микромолия ё худ ташкилоти факторинг медарояд.

Ин чӣ гуна мешавад? Барои мисол хидматгузори факторинг ба молрасон маблағи муайяншударо барои ду-се рӯз мепардозад. Баъди муддати маълум, бигирем, фурӯхта шудани молҳо аз соҳиби дукон маблағ меситонад. Ин қарордоди сеҷониба бинобар он ки ба муддати кутоҳ пешбинӣ шудааст, фоизаш ва ҳаққи хидматрасонӣ кам асту ҷараёни кор тез амалӣ мешавад, барои ҳама манфиатовар дониста мешавад. Аниқтараш, дукондор соҳиби мол мегардад, молрасон бошад маблағи худро ҳарчи зудтар ба даст меоварад, ширкати факторинг соҳиби пули комиссионии муайяншуда мегардад.

Чун одат вомдиҳӣ таҳлили амиқро тақозо дорад. Дар ин бобат вазъи молиявии соҳибкор ва имкониятҳои ба гаравгузории ӯ, ки барои хидматҳои нотариал ва суғурта харҷ шаванд, омӯхта мешаванд. Хулоса, факторинг бинобар дорои давраи хоси ҳуҷҷатҷамъовариаш тафриқа дорад. Ин маблағ бо он ки ба муҳлати дароз ва барои лоиҳаҳои бузург ҷудо намегардад, коғазбозиаш кам аст. Яъне, барои муддати кам ба ивази фоизҳои кам расмӣ карда мешавад.

Мувофиқи фармони Президент ташкилотҳои факторинг ба сифати ташкилоти ғайрибонкии вом баъди аз қайди Бонки марказӣ гузаштан бо чунин фаъолият машғул мешаванд. Аз 1 январи соли оянда ба ташкилотҳои вомӣ бинобар шартномаҳои факторинг имконияти аз нав фурӯхтани талабномаҳои пули харидшуда дода мешавад.

Ҳамчунин агар контрагенти мизоҷ ғайрирезидент бошад, барои бо асъори хориҷӣ амалӣ намудани амалиёти факторинг рухсат дода мешавад.

– Дар ҷараёни тайёр кардани ҳуҷҷати мазкур таҷрибаҳои Чин, Туркия ва Мексика барин давлатҳо омӯхта шуд, – мегӯяд директори департаменти Бонки марказӣ Санҷар Носиров. – Якчанд меъёрҳои байналхалқӣ таҷдиди назар шуданд. Масъалаҳои идораи хатар, вусъат додани хидматҳо таҳлил карда шуданд. Агар ин хидмат оммавӣ карда шавад, қарорҳо зуд қабул мешаванд, аз маблағҳо фоидаи самарабахш ба даст меояд. Дар оянда хидматрасонии факторинг рақамӣ мешавад. Барои чунин хидматҳо платформаи электронӣ ҷорӣ мегардад. Вай дорои як қатор имкониятҳо мешавад. Ҷараёни санҷиши ҳаққонияти ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ҳамчунин зуд ҷамъ овардани маълумот дар бораи қарздорӣ автоматиконида мешавад. Ин ҷиҳат барои амалиёти саривақтии интегратсияи захираҳои вазорат, идора ва ташкилотҳои зарурӣ омили муҳим мегардад. Ғайр аз ин имкони кор карда баромадани платформаҳои дигаре, ки ба соҳа хидмат мекунанд, мавҷуд аст.

Халқи мо аз азал дар мавзӯи иқтисод, маблағ ва соҳибкорӣ донишманд мебошад. Вале давр тақозо дорад, ки дар ин бобат беш аз пеш ҳушёр бошем. Дар истиқболи наздиктарин вусъатёбии хидматҳои факторинг бо бонкҳои тиҷоратӣ муҳити рақобати солимро ба миён меоварад. Ҷараёни мазкур бошад, дар мамлакат ба беш аз пеш инкишоф ёфтани соҳибкорӣ хидмат хоҳад кард.

Икром АВВАЛБОЕВ,
хабарнигори ЎзА.

ҶОИЗАДОРОНИ ОЛИМПИАДАИ ШОҲМОТ БОТАНТАНА ПЕШВОЗ ГИРИФТА ШУДАНД

Олимпиадаи 45-уми ҷаҳонӣ, ки дар пойтахти Венгрия – шаҳри Будапешт баргузор гардид, дар баробари баҳо додан ба салоҳияти зеҳнии ҷавонони ҷаҳон бори дигар нишон дод, ки «насли тиллоӣ»-и Ӯзбекистон ҳамон дар шоҳмоти ҷаҳон дар сафи пеш қарор дорад.



Дар олимпиадаи шоҳмот мунтахаби мардонаи Ӯзбекистон дар 11 давр 9-тоашро бо ғалаба анҷом дода, дар як давра якранг бозиданд ва дар як давраи дигар имкониятро аз даст дода, бори аввал дар таърихи худ медали биринҷиро ба даст оварда ва ҳам дар байни қариб 170 мамлакат аз сафи 12 ҷамоаи беҳтарин ҷой гирифтани шоҳмотбоздухтаронамон Афрӯза Ҳамдамова, Нилуфар Ёқуббоева, Умеда Амонова, Марҷона Маликова, Нодира Нодирҷонова воқеан нируи рӯҳонии ҷавонони Ӯзбекистонро намоиш доданд.

Дар аэропорти байналхалқии Тошканд ба номи Ислом Каримов маросими пазироии тантанавии шоҳмотбозонамон, ки дар олимпиадаи 45-уми ҷаҳонии шоҳмот ба натиҷаҳои муносиб муваффақ гаштанд, баргузор гардид.

Дар ин чорабинӣ, ки вазири варзиши Ҷумҳурии Ӯзбекистон Адҳам Икромов, раиси Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон Қаҳрамон Қуронбоев, саркотиби Кумитаи миллии олимпӣ Ойбек Қосимов, муовини ҳокими шаҳри Тошканд Дилдора Раҳимова, роҳбарони федератсияҳои варзиш, мураббиён ва мутахассисон, наздикони шоҳмотбозон, варзишгарони ҷавон ва намояндагони ҷамоат ҳозир буданд, роҳбари департаменти рушди иҷтимоии Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Одил Абдураҳмонов ба ҳозирон табрики роҳбари давлат Шавкат Мирзиёевро ба унвони аъзои ҷамоаи мунтахаби шоҳмоти Ӯзбекистон қироат кард.



Нотиқон – сардиректори Агентии дари шоҳмотбози бомаҳорат Шамсиддин Воҳидов – Пӯлод Товашов ва дигарон таъкид намуданд, ки шароите, ки барои ҷавонон дар мамлакатамон муҳайё гаштааст ва имкониятҳои васеъ натиҷаҳои худро медиҳанд.

Гуфта шуд, ки эътибор ва рағбате, ки зоҳир мегардад, пас аз ду сол дар олимпиадаи 46-уми ҷаҳонии шоҳмот, ки дар мамлакатамон баргузор мегардад, барои ба ғалабаҳои бузург сазовор гардидан неруи маънавӣ мебахшад.

Бояд гуфт, ки пас аз давраи 11-уми талошҳои бошиддат дар Будапешт ҷамоаи мунтахаби мардони Ӯзбекистон намояндагони мунтахаби Фаронсаро мағлуб намуда, бо 17 хол соҳиби медали биринҷӣ гардид. Дар ин росто онҳо ғолибони чемпионатҳои ҷаҳон ва ҷоизадорони он, даъвогарони тоҷи чемпионӣ аз Чин, Сербия, Олмон, Словакия, Арманистон, Озарбойҷон, Туркия, Испания, Эрон, Норвегия барин ҷамоаҳои мунтахаби мамлакатҳоро ақиб гузоштанд.

Дар талошҳои бемуросои олимпиада, ки дар фосилаи бештар аз 4-5 соат баргузор гардиданд, Нодирбек Абдусатторов, Шамсиддин Воҳидов, Ҷавоҳир Синдоровҳо аз вазъиятҳои имконнопазир роҳ ёфта, ба натиҷаи мусовӣ ноил гардиданд, ки он ба ғалаба баробар буд ва ин вазъиятҳоро шореҳон, экспертҳои байналхалқӣ эътироф намуданд.

Табиист, ки дар бораи олимпиадаи 45-уми ҷаҳонии шоҳмот дар Венгрия, дар бораи ҳар як талош, партияҳои он бисёр фикру мушоҳидаҳо изҳор хоҳанд гардид.

Дар ин бора мутахассисон, мухлисони шоҳмот, ки дар маросими пазироӣ ҳозир буданд, ҳарф заданд. Таъкид шуд, ки хусусан партияҳое, ки шоҳмотбозонамон бозӣ карданд, дар клубҳои шоҳмот, мактабҳо, гурӯҳҳои алоҳидаи диёрамон барои муҳокима арзанда аст.

Маросим ба суруду тарона, орзуҳои нек пайваст, ки дар он ба соҳибони медали биринҷии олимпиадаи 45-уми ҷаҳонии шоҳмот туҳфа гардидани автомобилҳои «BYD Chazor» ба сифати «Ҳадяи Президент» эълон гардид.

Сурури ғалаба, шодии ҳадяҳои туҳфагардида акнун дар хонаву маҳалла ва хонадонҳои шоҳмотбозонамон идома хоҳад ёфт.

Тулқин РӮЗИЕВ,
хабарнигори ЎзА.
Суратгир: М. АМИН (ЎзА).

БОЗ ЯК КОРХОНАИ НАВ ДАР «КУШОН»

Дар минтақаи хурди саноатии «Кушон» боз як корхонаи нави истеҳсолии саноатӣ – Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «AZIAN METAL» ба фаъолият шурӯъ кард.

Дар кушодашавии корхонаи нав таҳти роҳбарии ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов, роҳбарони сектороҳо, вакилони ташкилот ва корхонаҳо, собиқадорони меҳнат ва ҷавонон иштирок намуданд.

Барои корҳои бунёдкорӣ ва таҷҳизоти технологӣ беш аз 1,5 миллион доллар маблағ сарф шуда, 30 нафар эҳтиёҷманд бо шуғл таъмин гардид. Корхона ба истеҳсоли маҳсулоти симтӯрҳои гуногунандоза ихтисосонида шудааст. Иқтидори истеҳсолии корхона соле беш аз 500 тонна симтӯрҳои гуногунандоза мебошад, ки барои пешрафти кори соҳибкорону фермерон аҳамияти калон дорад.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

ЎЗБЕКИСТОНИ НАВИ ОЗОД, ФАРОВОН ВА СОҲИБҚУДРАТРО ЯКҶОЯ МЕСОЗЕМ!

Ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либерал-демократии Ўзбекистон дар воқеаи муҳими сиёсии мамлакат – интихоботи Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва Шўроҳои маҳаллӣ, ки 27 октябри соли равон гузаронида мешавад, таҳти шиори «Ваъда не – натиҷа, фардо не – имрўз» бо ғояҳои нав, нигоҳҳои нав иштирок мекунад.

Барои ҳамагон маълум аст, ки Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон дар таҳрири нав, ки бо иродаи халқи мо 30 апрели соли 2023 бо роҳи гузаронидани референдум қабул гардид, барои бунёди Ўзбекистони Нав заминаи мустаҳками ҳуқуқиро ба вуҷуд овард.

Бар асоси ин, Ҳизби либерал-демократии Ўзбекистон (ҲЛДЎз) бахри рўзгори фаровони аҳолӣ, аз таълим ва тибби босифат бахраманд гардидани фарзандонамон, ҳаёти хушбахтонаи бонувон ва собиқадорон, таъмини фаровонии дасторхони мардум тавассути Барномаи нави интихоботӣ, ки барои панҷ соли минбаъда пешбинӣ шудааст, **500 вазифаро аз рўйи 5 мақсади аниқ муқаррар намудааст**.

ҲЛДЎз дар раванди фаъолият ба сифати як неруи сиёсӣ намоён мешавад, ки барои дастгирии соҳибкорӣ, кам кардани саҳми давлат дар иқтисодиёт, таъмини рушди устувор дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, ҳифзи шаъну шараф, озодӣ ва некуахволии мардум мубориза мебарад.

Таҳияи барномаи пешазинтихоботии ҳизб дирўз ё имрўз оғоз нашудааст. Ин ҷараён чанд сол пеш сар шуда буд. Дар муддати сипаришуда депутатҳое, ки аз ҲЛДЎз ба мақомоти намояндагии маҳаллӣ интихоб шудаанд, бо интихобкунандагон ҳазорон вохўриҳо гузарондаанд. Дар онҳо мушкилоти системавии аҳолӣ аниқ гардида, умумӣ карда шуд ва ба барномаи нави пешазинтихоботӣ ворид гардид.

Инчунин, дар муҳокимаҳои ҷамоатӣ бахшида ба мазмуну моҳияти барномаи пешазинтихоботӣ вазифаҳои устувор муқаррар карда шуд.

Дар ташаккул додани барномаи пешазинтихоботии ҳизб фермерон, соҳибкорон, кормандони соҳаи таълим ва тандурустӣ фаъол иштирок карданд.

Ин интихобот таҳти шиори **«Ихтихоби ман – Ватани ободам!»** оғоз шуд, ки ин низ маънову мазмуни бузург дорад.

Барои муваффақ гардидан дар интихоботҳо, ки тамоман бо асосҳои нав баргузор хоҳад шуд, ҲЛДЎз ду равандҳои бисёрсамта ва стратегӣ истифода бурд. Ин система моро водор менамояд, ки ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам миллӣ фаъол бошем ва боз як бор рақобатпазирии мо аз санҷиш гузаронида мешавад.

I. ТАВАССУТИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ БА ФАРОВОНИИ ҲАР ЯК ИНСОН, ОИЛА ВА ҶАМЪИЯТ НОИЛ МЕГАРДЕМ

ҲЛДЎз то соли 2030 барои **ба 160 миллиард доллар** расонидани ҳаҷми маҳсулоти дохилии умумӣ ва **ба 4 ҳазор доллар** баровардани даромаде, ки ба ҳар як сари аҳолӣ рост меояд, аз таҳти дил ҳаракат мекунад.

Ҳизб барои ба мамлакати соҳибкорон табдил додани Ўзбекистон, **ба беш аз 3 миллион нафар расонидани корчаллонҳои** кишварамон чораҳои заруриро меандешад.

ҲЛДЎз бо мақсади дар панҷ соли оянда андешидани чораҳои зарурӣ бобати **ба 85 дарсад** расонидани ҳиссаи **сектори ғайридавлатӣ** дар иқтисодиёт, **то 6 баробар** кам кардани шумораи корхонаҳои **дорои ҳиссаи давлатӣ**, инчунин, афзунсозии **шаффофият дар харидҳои давлатӣ** ташаббусу таклифҳои худро ба миён гузошт. Татбиқи ин ташаббусҳо **таъсири давлатро** ба иқтисоди миллӣ **кам карда**, барои созмон додани **муҳити рақобати соф**, ки ба муносибатҳои бозорӣ асос ёфтааст, имкон фароҳам меорад.

Дар барномаи пешазинтихоботии ҲЛДЎз сода кардани низоми идоракунии андоз, фароҳам овардани шароити одилона барои пардохти андоз, кам кардани иҷозатнома ва рухсатномаҳо барои пеш бурдани тиҷорат пешбинӣ шудааст. Ба масъалаҳои зиёд намудани лоиҳаҳои **шарикии давлатӣ ва хусусӣ** дар ҳоҷагии об, экология, энергетика ва дигар соҳаҳо эътибори алоҳида дода мешавад.

Асосҳои ҳуқуқӣ, ки ба макони боз ҳам қулайи сармоягузорӣ табдил додани Ўзбекистон нигаронида шудааст, такмил меёбад. Саъю ҳаракат барои васеъсозии имконе вуруди соҳибкорон ба бозорҳои хориҷӣ, аз ҷумла суръат бахшидан ба узвияти **Созмони ҷаҳонии тиҷорат** дастгирӣ карда мешавад.

Масъалаҳои васеъсозии соҳаи сайёҳӣ, ки яке аз драйверҳои иқтисод ба шумор меравад, таҳияи стратегияи **«Агротуризм – 2030»**, рушди **сайёҳии экологӣ дар соҳилҳои Арал** низ дар маркази таваҷҷуҳи ҳизб қарор дорад.

Бобати ба дороии воқеии бозор табдил додани қитъаҳои замини барои **кишоварзӣ** пешбинишуда, тақсим карда фурўхтани ҳуқуқи иҷора, такмилдиҳии пойгоҳи қонунии ба сифати предмети гарав истифода намудани он, вобаста ба ҳуҷҷатҳои иқтисодиёти рақамӣ, инноватсияҳо, фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ ва молиявӣ бахри рағбатноксозии истифодаи судманди **интеллекти сунъӣ** пешниҳодҳои ояндадор ба миён гузошта мешавад.

Барои пурзўр намудани корҳо оид ба кояшии камбизоатӣ, ҳар сол ташкил кардани на камтар аз **500 ҳазор ҷойи кории доимӣ**, фароҳам овардани шароит барои **меҳнати сердаромад ба аъзои як миллион оила, панҷ баробар зиёд намудани** доираи бозомўзии касбу ҳунар тавассути роҳандозии фаъолияти мономарказҳо ва муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, ба як миллион шаҳрвандон бозомўзии касбҳое, ки дар бозори меҳнат талаб зиёд аст, дар назар мебошад. Дар натиҷа **ба дараҷаи поинтарин фаровардани сатҳи бекорӣ** имконпазир мегардад.

Пешниҳодҳо оид ба бастаҳои молиявӣ барои фаъолият дар соҳаи **соҳибкории иҷтимоӣ**, аз ҷумла ҷорӣ намудани имтиёзҳои андози амвол ва замин, **таътили кредити кафолатнок** барои онҳое, ки дар вазъияти душвор қарор доранд, табиист, ки барои электорат мақбул меоянд.

Боз як ғояи муҳим – бо андешидани тамоми чораҳои зарурӣ аз рўйи **ба 45 миллиард доллар** расондани ҳаҷми арзиши иловашуда дар саноат ва таъсиси **2,5 миллион ҷойҳои кории сердаромад** вобаста мебошад.

II. ТАЪЛИМ ВА ТИББИ БОСИФАТ, ҲИФЗИ ПУРЗЎРИ ИҶТИМОИРО ТАЪМИН МЕКУНЕМ

Дар таҳрири нави Сарқонун чун **«давлати иҷтимоӣ»** эълон гардидани Ўзбекистон, маҷбуриятҳои иҷтимоии онро се баробар зиёд кард.

Бо дарназардошти ин, дар панҷ соли оянда дар барномаи мо вазифаҳои **ба 100 дарсад** расонидани **сатҳи фарогирии фарзандонамон бо таълими томактабӣ**, андешидани чораҳо бобати **2 баробар зиёд кардани музди миёнаи меҳнати кормандони педагогӣ**, ҷорӣ кардани рағбатҳои иловагӣ барои афзунсозии мактабҳои ғайридавлатӣ ҷой гирифтааст.

Такмилдиҳии системаи таълими касбӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ, то соли 2030 **ба 50 дарсад расонидани фарогирии** хатмкунандагон бо таълими олӣ дар назар аст. Инчунин, то соли 2030 то 10 баробар зиёд кардани ҳиссаи маблағҳо, ки ба илм равона карда мешаванд, пешниҳод мегардад.

Дар соҳаи тиб ба масъалаи то соли 2030 ду баробар зиёд намудани маблағхои солонаи ҷудошаванда, ба пургарӣ ҷорӣ намудани низоми **суғуртаи тиббӣ**, сода кардани тартиби литсензия ва рухсатномадиҳӣ ба муассисаҳои тиббии ғайридавлатӣ эътибори алоҳида дода мешавад.

Дар барномаи мо бо хонаву ҷойи мақбул таъмин намудани шаҳрвандон, бахусус, бо ҷудо кардани маблағҳои зарурӣ ва ҷалби васеи сектори хусусӣ бунёди **хонаву ҷойи дорои як миллион хонадон** ҷой гирифтааст. Ба манзилнокӣ ва натиҷадории **ҳифзи иҷтимоӣ** эътибор медиҳем. Боз ҳам содатар кардани раванди муқаррар намудани маълўлиро пешниҳод менамоем. Ташаббусҳоро бобати дастгирии манзилноки тоифаҳои аҳолии нисбатан камдаромад, бахусус, то ба **се баробари** миқдори камтарини музди меҳнат кам кардани **даромади андози** шаҳрвандони маошгирандаро пеш мебарем.

Пешниҳод мекунем, ки **меъёрҳои иҷтимоӣ** аз рўйи **истеъмоли барқ** дар асоси мизонҳои мавсимӣ, ҳисоби хонадон ва қарор доштан дар реестри ҳифзи иҷтимоӣ роҳандозӣ гардад.

Дар барномаи мо масъалаҳои боз ҳам мустаҳкам кардани мавқеи зан ва духтарон дар ҷомеа, дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкории онҳо, ҷорӣ кардани системаи **суғурта намудани бонувони кўдакдор** аз бекорӣ пешбинӣ шудааст. Инчунин, **барқарор намудани саломатии пиронсолон** ва масъалаҳои марбут ба таъмини истироҳати бомазмуни онҳо ҳамеша мавриди эътибори мо қарор мегиранд.

III. БАРОИ АҲОЛӢ ШАРОИТИ МУСОИДИ МУҲИТИ ЗИСТРО ФАРОҲАМ МЕНАМОЕМ

Солҳои охир дар мамлакати мо бобати беҳсозии вазъияти экологӣ, таъмини бехатарии экологӣ, пешгирии таъсири зараровари партовҳо ба саломатии инсон, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, афзунсозии сифати вазъи санитарӣ пайваста чорабиниҳои маҷмўӣ амалӣ мегарданд.

Бинобар ин, мо таҳияи лоиҳаи **Кодекси обро** суръат мебахшем. Пешниҳод мекунем, ки **панҷоҳ фоизи** хароҷоти хоҷагиҳои фермерӣ, ки дар тамоми майдонҳои кишти худ технологияҳои сарфаи обро ҷорӣ мекунанд, **пўшонда шавад**.

Ҳизб бо мақсади роҳандозии стандарти ягона нисбат ба таркиби об ташаббуси татбиқи **лоиҳаи «Оби тоза»**-ро ба миён мегузорад. Ғайр аз ин, пешниҳод мекунад, ки ба шаҳрвандон барои гузоштани василаро обполӣ дар хонаводаҳояшон кредитҳои имтиёзнок ҷудо карда шавад.

Дар барномаи мо ба афзунсозии энергетикаи «сабз» аҳамияти устувор дода шудааст. Дар ҷумҳурӣ энергияи муқобилро **2,5 баробар** зиёд карда, ба 40 дарсад расонидани саҳми он дар барқи умумӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар саноат созмони бозори **«сертификатҳои сабз»**, афзунсозии самарадории барқ дар сохтмон, васеъ ҷорӣ кардани амалиёти агроволтаикаҳо дар кишоварзӣ пешниҳод мегардад.

Ташаббусҳоро аз рўйи беҳсозии ҳавои тамоми минтақаҳо, ҷун қабули **барномаи миллии «Мусаффо ҳаво – 2030»** зиёд кардани майдонҳои сабз, ривоҷдиҳии инфрасохтори зарурӣ барои нақлиёти аз лиҳози экологӣ тоза пешбарӣ менамоем.

IV. ДАВЛАТИ АДОЛАТПАРВАР ВА ЗАМОНАВИИ БА ХИДМАТИ ХАЛҚ КАМАРБАСТАРО БУНЁД МЕКУНЕМ

Мақомоти давлатӣ бояд воситаи самарабахше дар хидмати халқ бошанд. Барои боз ҳам мустаҳкам намудани принсипҳои **«Қонун ва адолат устувор»**, **«Ба ҷиноят – ҷазо муқаррар»** дар ҷамъият, ба идораҳои **танҳо дар роҳи манфиати халқ** хидматкунанда табдил додани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тамоми ниру ва имкониятҳои худро сафарбар менамоем.

Бо мақсади обод кардани маҳаллаҳо, беҳсозии сатҳи зиндагонии аҳолӣ, **3 баробар зиёд** кардани маблағҳоеро, ки барои **«Буҷети ташаббуснок»** ҷудо мегарданд, ба тартиби рўзи худ медарорем.

Ба сифати давлати халқпарвар, устувории қонун, суди одилона ва таъмини адолат дар маркази эътибори мо хоҳад шуд. Бахусус, ташаббуси татбиқи **«ҳуқуқи претседенти суд»**, дар асоси илтимоси ҷабрдида **бидуни боз намудани кори ҷиноӣ** имкони оштӣ шудан-ро пешбарӣ мекунем.

Аз рўйи таъмини дахлнопазирии ҳаёти шахсии шаҳрвандон, ҳимояи амвол ва маблағҳои онҳо аз **фиребгарон** ва **киберҷиноятқорон** пешниҳодҳои амиқро таҳия мекунем. Фаъолияти **адвокатҳо** бобати таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ такмил дода мешавад.

Мувофиқи ислоҳоти конститутсионӣ, ҲЛДЎз қонибдори он аст, ки боздоштани амалиёти субъектҳои соҳибкорӣ аз рўи суратҳисобҳои бонкӣ **танҳо ба тариқи суд** татбиқ карда шавад ва ин дар сатҳи ҳуқуқӣ муайян гардад.

Ҳизби мо раванди таъмини **озодии сухан** ва **рушди системаи мустақили матбуоти ғайридавлатиро** ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад.

Пайваста идома додани муборизаи шадидро бар зидди коррупсия, дар ин самт қабули Стратегияи миллӣ, ки то соли 2030 пешбинӣ шудааст, зарур меҳисобем.

V. СУВЕРЕНИТЕТ ВА БЕХАТАРИИ МАМЛАКАТАМОНРО КАФОЛАТ МЕДИҲЕМ

Дар натиҷаи саъю ҳаракати Президент Шавкат Мирзиёев барои рушди муносибатҳои дўстона, наздики ҳамсоягӣ ва мутақобилан судманд бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар минтақа мулоқоти сиёсӣ ва боварии байниҳамдигарӣ мустаҳкам гардид ва доираву ҷаҳми муносибатҳои манфиатовари байниҳамдигарӣ афзуд.

Ба ин маъно, мо ба давом додани **сиёсати ошкоро, прагматикӣ ва фаъоли хориҷӣ** ҳайрхоҳем. Дар ин бобат ҳизб мавқеи қатъии худро дорад ва **танҳо дар асоси манфиатҳои миллии халқамон роҳандозӣ гардидани** сиёсати хориҷии Ўзбекистони Навро мехоҳад.

Дар навбати худ, аз ҷиҳати сифат ба зинаи баландтар бардоштани ҳамкориҳо дар соҳаҳои бехатарӣ, тиҷорату иқтисодӣ, об, энергетика ва нақлиёт, фарҳангиву гуманитарӣ дар Осиёи Марказӣ дар маркази эътибори ҳизби мо қарор дорад. Бахусус, тарафдори давом додани корҳои пайваста аз рўйи таъмини осоиштагӣ дар замини Афғонистони ҳамсоя ҳастем.

Барои ҳизб дар пешбарии сиёсати хориҷии мамлакат **пурзўрсозии дипломатияи иқтисодӣ** аҳамияти муҳим дорад. Дар ин самт, ҷалби васеи сармоя ва сармоягузорон, зиёд кардани шумораи сайёҳон ва тарғиби фаъоли имиҷи Ўзбекистон вазифаи асосии намояндагони дипломатӣ маҳсуб меёбад.

Мо бо ҳамватанон ҳамкориро мустаҳкам мекунем ва ҳуқуқҳои муҳоҷиронро ҳифз менамоем. Дар ин самт, ба андешидани чораҳои сохторӣ аз рўйи тарғиби **забони модарӣ, фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ** дар байни **ҳамватанони** хориҷиямон эътибори алоҳида медиҳем.

Ислоҳсозии **системаи муҳоҷирати меҳнати хориҷӣ**, васеъ намудани **доираи бозомўзии касб ва забони хориҷӣ** ба шаҳрвандоне, ки ба хориҷа барои кор мераванд, пеш аз ҳама, фароҳам овардани имконият бахри кор дар **Ўзбекистон ва музди меҳнати муносиб** барои шаҳрвандоне, ки дар хориҷа кор мекунанд, барои ҳизби мо аҳамияти муҳим дорад.

Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани **иқтидор, тавоноии мудофиавӣ ва салоҳияти ҳарбии Қуввахои Мусаллаҳ, то соли 2030 бо навтарин аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ** таъмин гардидани артиши миллиро ҷонибдорӣ мекунем.

Ўзбекистони Нав бояд мамлакате бошад, ки дар он ба қадри инсон арҷ гузошта шавад, барои салоҳияти худро намоён кардани ҳар як шаҳрванд тамоми имкониятҳо фароҳам гардад. Халқи мо на фардо, на дар ояндаи дур, балки айнан имрўз дар ҳаёти худ инро дидан мехоҳад.

Дар саҳнаи сиёсии мамлакат барои иштироки бомуваффақият дар интихоботҳое, ки барои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, шўроҳои намояндагони халқи вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо гузаронида мешавад ва ноил гардидан ба натиҷаҳои пешгузошта, имкониятҳои васеъ, дар фаъолони ҲЛДЎз бошад, қувва, таҷриба ва салоҳияти кофӣ мавҷуд аст.

ҲЛДЎз бо такя ба беш аз 1 миллиону 600 ҳазор аъзо, инчунин, бисёр ҳамватанонамони хайрхоҳи ғоя ва мақсадҳои асосии худ, боварӣ дорад, ки дар интихоботи оянда муваффақ мегардад.

Барои мо муҳимтар аз ҳама: ваъда не – натиҷа, фардо не – имрўз!

Боварӣ дорем, ки тарафдорони ҳизб ва намояндагони электорат 27 октябр ба ҷонибдорӣ аз ҲЛДЎз ва номзадҳои он овоз медиҳанд!

Мавлуда ХОҶАЕВА,
Сардор ҒИЁСОВ,
ҷонишинҳои раиси Кумитаи иҷроияи Шўрои сиёсии ҲЛДЎз.

ХАБАРҲО

ҲАМКОРИИ ЎЗБЕКИСТОНУ ҶОПОН ДАР СОҲАИ ИЛМУ ФАН

Байни Ўзбекистон ва Ҷопон қатори дигар соҳаҳо дар самтҳои фан ва илму техника ҳамкориҳо ба роҳ гузошта шудаанд. Ба наздикӣ намояндагони фан ва таълими олии «кишвари офтоббаро» ба Ўзбекистон омаданд.

Хусусан, вохўрии вице-президенти Донишгоҳи Нагоя Норими Мизутани ва ректори Донишгоҳи миллии Ўзбекистон Ином Маҷидов дар хусуси боз ҳам мустаҳкам намудани робитаҳо дар соҳаи илм ва техника, якҷо баргузор сохтани чорабиниҳои таълимӣ ва анҷуманҳои илмию амалӣ, иваз намудани таҷрибаҳо дар байни ходимони соҳа мароқангез сурат гирифт. Профессори Донишгоҳи Нагоя, соҳиби мукофоти Нобел оид ба физика Хироши Амано маърўза хонд. Меҳмонон инчунин дар Вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсия ва Донишгоҳи давлатии техникии Тошканд шуданд.

Вохўриҳо далолат медиҳанд ҳамкориҳои байналхалқӣ бо мутахассисони ҷопонӣ дар диёри мо ба давраи нав ворид мешавад.

ФОРУМИ ТАЪЛИМИИ ЎЗБЕКИСТОНУ ИТОЛИЁ

Дар Институти политехникии Турин, воқеъ дар Тошканд, форуми таълимии Ўзбекистон-Итолиё оғоз ёфт.

Дар чорабинӣ аз наздик 25 донишгоҳе, ки дар тасарруфи Вазорати донишгоҳҳо ва тадқиқотҳои Итолиё мебошанд, ҳамчунин роҳбарону масъулон аз бештар аз 40 муассисаҳои таълими олии Ўзбекистон иштирок менамоянд.

Нишасти илмии рўзи аввал таҳти мавзўи «Давраи нави ҳамкории донишгоҳҳо – омили муҳими рушди ду давлат ва ҷамъият» сурат гирифт.

Форуми мазкур 25-27 сентябри соли равон дар вилоятҳои Бухоро ва Самарқанд идома хоҳад ёфт.

ХОРВАТИЯ БА КОР ДАЪВАТ МЕКУНАД

Хорватия ўзбекистониёнро, ки дар соҳаи сохтмон мутахассисанд, ба кор даъват менамояд, хабар медиҳад хидмати ахбори Агентии муҳоҷирати меҳнати берунӣ.

Моҳона аз 1000 евро оғоз меёбад. Коргару устоён бояд аз 18 то 50-сола буда, камаш таҷрибаи аксолаи корӣ дошта бошанд. Хобгоҳ ва харҷҳои нақлиётӣ аз ҳисоби кордиҳанда пардохта мешавад. Пардохти виза, чиптаи ҳавопаймо, пардохти агентӣ аз ҳисоби корҷӯён мебошад.

М. ШОДИЕВ,
мухбири
«Овози тоҷик».

19- 21 сентябри соли равон дар Марғелон Ҷашнвораи шашуми байналмилалии анъанавии «Иди атлас» барпо гардид. Дар ҳошияи ин ҷашнвора аввал таҳти унвони «Таърихи рушди Ҷашнвораи анъанавии нассоҷии атлас дар аксҳо» намоиши аксҳо роҳандозӣ шуд.



«ИДИ АТЛАС» ДЎСТИВУ РАФОҚАТ ВА ҲАМКОРИРО ТАРАННУМ НАМУД

Баъд конфронси байналмилалӣ оид ба ҷанбаҳои экологии рушди нассоҷии анъанавӣ баргузор шуд. Дар чорабинӣ коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ, дизайнерон ва ҳунармандони кишварҳои гуногун ширкат варзиданд ва роҷеъ ба аҳамияти нассоҷии анъанавӣ дар ҷомеаи муосир фикру ақидаҳои худро дар меҳвари гуфтугузорҳо қарор доданд. Гуфта шуд, ки ин конфронс барои густариш додани муколама дар бораи мероси ғании ҳунарҳои нассоҷӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳити зист, инчунин тарғиби донишҳои анъанавӣ ва ивази таҷрибаҳои муосири нассоҷӣ хеле мусоидат намуд

Дар павилонҳо ҳунармандони кишвар гуногун маҳсулоти худро ба намоиш гузоштанд. Аз ҷумла, дар се раста маҳсулоти ҳунармандони кишвари ҳамҷавору дўст – Тоҷикистон ба маърази тамошо ва харидорон гузошта шуд. Дар муддати се рўз мардуми зиёд ба тамошову харид кардани қолинҳои хушбофт, маҳсулоти рангорангу пурҷилои кашидадўзӣ, зардўзӣ, мўҳрабофӣ, армуғонсозӣ, сўзанӣ, либосҳои гуногун машғул шуданд.

Мавҷуда Ҳакимова – мутахассиси пешбари Муассисаи давлатии мактаби рушди атласу адрасбофӣ ва ҳунарҳои дигари мардумии Тоҷикистон ба «Овози тоҷик» гуфт, ки ҷашнвора ба майдони намоиши маҳсулоти ҳунармандӣ, инчунин табодули таҷриба ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои байни ҳунармандони иштирокчии он табдил ёфт. Мо дар ин ҷашнвора бо бештар аз сӣ намуди маҳсулоти қолинбофӣ, кашидадўзӣ, зардўзӣ, мўҳрабофӣ, армуғонсозӣ, сўзанӣ ва амсоли он ширкат намудем. Ҳатто қисмати зиёди маҳсулоти ба намоиш гузоштаи мо ба фурўш рафт. Ба ин васила кашф намудем, ки дар кишвари ҳамсоя ва дўсту бародари Ўзбекистон нисбати маҳсулоти ҳунармандони мо эҳтиёҷи калон дида мешавад

Дарвоқеъ, дар ҳошияи ҷашнвора намоиши либосҳои тарроҳони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба вуқўъ пайваст. Дар он намунаҳои беҳтарини либосҳои дизайнерҳо намоиш дода шуд. Ҳар як баромади духтарони дар бар либосҳои рангорангу ҷилобахш ва бо услуби хос дўхташудаи тарроҳҳон аз тарафи доварон ва тамошобинон хеле гарму ҷўшон пазироӣ карда шуд.

Дар шоми пўшидашавии маросими ҷашнвора аъзои ҳакамони байналмилалӣ иштирокчиёни маҳаллӣ ва хориҷиро эълон карданд, ки аз рўйи номинаҳои гуногун дар доираи ин чорабинӣ ғолиб шудаанд. Голибон бо дипломҳо, ҳайкалчаҳои махсус ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз карда шуданд.

Шоми пўшидашавии ҷашнвораро барномаи консертӣ шукўҳи тоза бахшид.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар вилояти Фарғона.

ҲАФТАИ ТЕХНОЛОГИЯИ АХБОРУ КОММУНИКАТСИЯ БА АНҶОМ РАСИД

Дар Тошканд Ҳафтаи технологияи ахбору коммуникатсионии «ICTWEEK Uzbekistan 2024» ифтитоҳ ёфта буд. Бахшида ба ин дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ чорабинӣ баргузор гардид.

Дар он ҷонишини вазири Вазорати рушди технологияҳои ахбор ва коммуникатсионӣ Рустам Каримҷонов таъкид намуд, ки ин анҷуман 20 сол боз дар мамлакатамон баргузор мегардад. Дар он ширкатҳои бузурги IT, FinTech, саноати бозӣ ва робототехника, телекоммуникатсия, ширкатҳои таълимӣ, электроника, таъминот ва хидматрасонии техникии хориҷӣ ва маҳаллӣ ширкат варзиданд. Стартапҳо дар мавзуъҳои барномаи венчурӣ, тиҷорати электронӣ, зеҳни сунъӣ, провайдерҳои ҳалли IT, рақамикунонӣ ва хидматрасонии давлатӣ, имкониятҳои сармоягузории IT, шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ, таҳсилоти IT ва таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ дар соҳаи ТИК тақрибан 20 анҷуман ва ҳамоишҳои бузургро дар бар гирифт. Дар он павилонҳои миллии чандин кишвар, аз ҷумла Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ, Чин, Қатар, Латвия ва ширкатҳои бехтарини IT дар саноати B2B, B2C, B2G, G2C ширкат карданд.

Ҳафтаи технологияи ахбору коммуникатсионӣ масъалаҳои рушди байналмилалии технологияҳои рақамиро баррасӣ гардидааст. Дар заминаи он чорабинии «Платформа ва хидматрасониҳои рақамии соҳаи маориф»-ро роҳандозӣ кардааст.

Чорабиниҳои «Рушди технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ, идоракунии давлатӣ ва мунисипал» тавассути гузаронидани як қатор ҷаласаҳои стратегӣ баргузор гардид, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи стратегияҳои мавҷудаи трансформатсияи рақамӣ дар кишвар ё минтақаи мушаххас ва таҳияи механизмҳои рушди рақамӣ нигаронида шудааст.

Мушовири вазири Вазорати рушди технологияҳои ахбор ва коммуникатсионии ҷумҳурӣ Комила Собирова дар баромади худ гуфт, ки соли ҷорӣ президентони IT ду баробар афзуд. Дар давоми сол теъдоди корхонаҳои содиркунандаи маҳсулот низ нисбат ба пеш зиёд гардид. Миқдори кормандони ширкатҳо аз 300 ба 3 ҳазор нафар боло рафт. Ҳатто ширкатҳои хориҷие, ки дар Ўзбекистон фаъолият доранд, маоши кормандони худро зиёд карданд. Ин ҷиҳат аз ҷавонони мо тақозо менамояд, ки забони хориҷиро ба тарзи бояду шояд омўзанд. Дар акси ҳол наметавонанд дар ширкатҳои гуногуни хориҷӣ кор кунанд ва соҳиби маоши баланд шаванд.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

«МАҚСАДИ АСОСИИ МО – БУНЁДИ ҶАМЪИЯТИ ФАРОВОНЕСТ, КИ БА ДАВЛАТИ МУҚТАДИР ТАКЯ МЕКУНАД, ҚОНУНҲОЯШ БА СУННАТҲОИ МИЛЛИВУ УМУМИИНСОНӢ ҲАМОҲАНГАНД ВА ДАР ОН ҚАДРИ ИНСОН БАЛАНД МЕБОШАД!»

MILLIY TIKLANISH DEMOKRATIK PARTIYASI
Qadriyatlarga TAYANGAN TARAQQIYOT

Ҳизби демократии "Миллий тикалиш" Барномаи интихоботии худро барои солҳои 2025-2029, аввало, дар асоси манфиатҳои халқи мо, ғояву ҳадафҳои ҳизб ва дарки амиқи он, ки номзадҳои ватандӯст ва дар барномаи халқпарвари интихобот меъёри асосии пирӯзӣ аст, таҳия карда, онро ба эътибори интихобкунандагон ҳавола кард. Ҳуҷҷати мазкур, ки ба мазмуни ислоҳоти Ӯзбекистони Нав ҳамоҳанг мебошад, ҳамчун барномаи стратегӣ барои қадамҳои минбаъдаи ҳизб хизмат мекунад.

Таълим ва тарбия – пояи тараққиёти миллӣ

Ислоҳоте, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти Ӯзбекистони Нав татбиқ мегарданд, барои мувофиқи талаботи замон инкишоф ёфтани низоми таълим низ имкон фароҳам меоваранд.

Дар **Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби демократии «Миллиӣ тикланиш», ки барои солҳои 2025-2029** пешбинӣ шудааст, тарбияи авлоди баркамол, ба амал баровардани салоҳияти зеҳнии ҷавонон, онҳоро ба сифати шахсоне, ки ба талаби замон ҷавобгӯ бошанд, тарбия кардан барин чораву тадбирҳои зарурӣ муайян карда шудаанд.

Мо бо дарназардошти таҷрибаи солҳои гузашта ва талаботи ҳаёт барои инкишоф додани асосҳои миллии тарбия ва барномаҳои миллии таълим, андешидани чораҳои кафолатноки асосҳои ҳуқуқии ҳамоҳангии тарбия ва таълими муттасил қабул кардани **«Барномаи давлатии тайёр кардани мураббиён ва муаллимони авлоди нав»**, ҳамчунин дар пояи **саракунӣ ва фармоишоти давлатии** хатмкунандагони дорои **лаёқати педагогии** мактаб ба роҳ мондани хониш, барои бачагони то сесола мувофиқи синну солашон **офаридани контенти маҳсулоти миллии видеоӣ**, пеш аз ба кор қабул кардани муррабиён ва омӯзгорон фаъолияти пештараи онҳоро омӯхтан, **ҷорӣ намудани тартиби баргузор кардани тестҳои рӯҳӣ**, ҳамчунин ба мақсади соҳиби таълими хушсифат шудани хонандагон интихоб намудани кадрҳои соҳибихтисоси педагогӣ дар мактабҳо ҷорӣ намудани низоми шаффофи **дар пояи озмун ба кор қабул кардани муаллимонро** зарур мешуморем.

Чораҳои таъмин кардани тараққиёти маънавӣ ва ба зинаи нав бардоштани соҳаи маданиро ба роҳ мемонем

Ҳизби демократии «Миллиӣ тиклаиш», ҳарчанд ғоя ва ташаббусҳои истиқболнокро дастгирӣ мекунад, дар масъалаи миллӣ, урфу одат, анъана ва суннатҳои ҳамчун ҷонибдори ғояҳои консервативӣ боқӣ мемонад. Аз ин нуқтаи назар дар барномаи нави пешазинтихоботии ҳизб таҳти шиори **«Тараққиёт бо такя ба суннатҳо»** ба мақсади **инкишоф додани маданият ва маънавияти миллӣ** баробари эътибори алоҳида ба **ҳифз ва ғанӣ гардонидани суннатҳо, ҳифзи мероси маданӣ**, истифода аз он, фароҳам овардани асосҳои ташкиливу ҳуқуқии вайро ба сифати вазифаи умдаи хеш муайян менамояд. Ҳамчунин ҳизб барои ҳифзи обрӯ ва нуфузи забони ӯзбекӣ, боло бардоштани **мақоми забони давлатӣ ва васеъ тарғибу ташвиқ намудани** он эътибори махсус медиҳад.

Ҳизб дар доираи самти мазкур барои дикқату эътибори алоҳида ба ҳифз кардани мероси маданӣ, истифодаи эҳтиёткорона аз он масъалаҳои ба насли оянда расонда додани он, ташаббуси ба тартиб овардани **низоми ба иҷора додани иншооти мероси маданиро** пеш мегузорад. Дар барнома ба масъалаи пурзӯр кардани ҷавобгарӣ нисбати вайрон кардани қонунгузории **«Дар бораи забони давлатӣ»** эътибори махсус дода шудааст.

Оиларо мустаҳкам мекунем, ба занон ва ҷавонон шароитҳои муносиб фароҳам меоварем

Барои мо **«Оила – қалъаи муқаддас»** аст. Аз ҷониби давлат муҳофиза шудани ҳуввиятҳои модарӣ, падарӣ ва фарзандӣ, эътироф гардидани баробарҳуқуқии занон ва мардон, ба онҳо пешниҳод гардидани ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар дар тамоми соҳаҳои идораи ҷамъият ва давлат ба мақсадҳои асосии ҳизб ҳамоҳанг мебошанд. Бо дарназардошти ин ҳизб **мардонро ба сифати муҳофизи шаъну шарафи оила** – барои пешгирӣ кардан аз оила ва тарбияи фарзанд дуршавии онҳо ҳамчун ҷашн ҷорӣ намудани **Рӯзи иҷтимоиву сиёсии «Оталар куни»** («Рӯзи падарон»)-ро таклиф менамояд.

Мо дар тамоми ҷабҳаҳои ҷомеаи худ беш аз пеш зиёд кардани фаъолнокии иҷтимоиву сиёсии бонувонро дастгирӣ мекунем. Дар ин бобат мо дар ҷомеаҳо барои таъмин кардани баробарии гендерӣ, инкишоф додани таълими он, ҷорӣ намудани **соати кори мувофиқ**, барои дар оила **фурсати зиёди худро гузаронидани** модарон шароит фароҳам овардан ва барои фарзандони модарони дунишӯҳ дар назди муассисаҳои таълими олӣ **хонаҳои махсуси бачагон** ё худ боғчаҳо ташкил карданро пеш мегузорем.

Дар ин маврид, агар гӯям, ки **ташаббуси ҳифзи** манфиати занони **никоҳашон бекоршуда** ва дар оқибати он **беманзил монда** ва фарзандони онҳо ба талаби давр табдил ёфтааст, муболиға намешавад.

Имкониятҳое, ки алҳол барои ҷавонон фароҳам оварда мешаванд, барои беш аз пеш мустаҳкам гардидани эҳсосоти ватанпарварӣ, инсонпарварӣ ва кушодадилӣ низ хидмат мекунанд. Ҳизб бо дарназардошти ҳамаи инҳо таҳти шиори **«Миллатпарвари ҷавон»** барои вахдати ҷавонон, дар рӯҳи садоқат ба ҳувиятҳои милливу умумиинсонӣ тарбия кардану дар қалби онҳо эҳсоси фарзанди ҳамин кишвар, ҳамчунин вориси таърихи бузург ва маданияти ғановатманди ин таърих буданро ташаккул медиҳад ва тарафдори ин ҷараён аст.

Иқтисодиёти миллӣ ва сайёҳиро инкишоф медиҳем

Инкишоф додани **иқтисодиёти миллӣ** ва **сайёҳӣ**, ки аз муҳаррикҳои асосии он ба шумор меояд, низ аз ҷумлаи мақсадҳои умдаи мо ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти ин ташаббусҳое чун ташаккул додани **муносибатҳои озоди бозаргонӣ** дар иқтисодиёти миллӣ, дахлнопазирии **мулки хусусӣ**, бегуфтугӯ таъмин кардани **муносибатҳои рақобати** озод ва пок, фароҳам овардани низомҳои **нафақа** ва **суғуртаи тиббии** замонавию одилона низ пеш гузошта мешаванд.

Дар шароити кунунӣ, ки рақобати иқтисодӣ торафт пурзӯр мегардад, **ҳифзи оқилонаи** манфиатҳои соҳибкорони миллӣ ва сохторҳо дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ бинобар мизонҳои **«Соҳибкори саховатманд»** ва **«Мансабдори пок»** аз тариқи рағбатноксозии шахрвандон ва **ба оммаи васеъ шинос кардани** онҳо дар атрофи суннатҳо **муттаҳид сохтани** ҷамъият барин вазифаҳои дар барномаи ҳизб мавҷудбударо ба сифати самтҳои устувори инкишоф додани иқтисодиёти миллӣ ва сайёҳӣ метавон баҳо дод.

Дар самти мазкур барои таъмин сохтани нархҳои устувори бозор нисбати **молҳои муҳимтарини истеъмолӣ**, ҷорӣ кардани имтиёзҳо дар истеҳсоли китоб ва **андози қимати иловагии** фурӯши китоб, содатар кардани низоми андозситонӣ, зина ба зина кам кардани нарх ба сӯзишвариҳои истеҳсолшаванда, рағбатноксозии **гузаштан ба энергияи сабз** ва афзудани қадри **асъори миллӣ**, **васеъ ҷалб намудани** низоми **суғуртаи миллӣ** барин таклиф ва ташаббусҳои дақиқ мегарданд, ки аз ғояҳои ҳамоҳангноки инкишоф додани иқтисодиёти миллии ҳизб дарак медиҳанд.

Инчунин, рушди сайёҳӣ низ аз ташаббусҳои асосии ҳизб буда, ҳизб ташаббуси кор карда баромадани стратегияи ба **ҷунбиши умумимиллӣ** табдил додани соҳаи сайёҳӣ, ҷорӣ кардани сиёсати «**дарҳои кушод»**, васеъ намудани низоми **воридоти бидуни раводид**, ба роҳ мондани фаъолияти Шӯрои коллегиаливу машваратии **«Ассамблеяи сайёҳӣ»**, ҳамчунин маҷмӯан инкишоф додани сайёҳиро то соли 2030-юм пеш мегузорад.

Ҷамъиятеро барпо мекунем, ки ба суннатҳои миллӣ ва умумиинсонӣ такя намояд

Устувории қонун дар идораи давлатӣ ва ҷамъиятӣ аслан кафолати тараққиёти миллии мост. Бо дарназардошти ин ҳизб **устувории қонунро тамоюли асосии идораи давлат** меҳисобад. Дар ин маврид дар назди қонун баробар будани ҳама, таъмин намудани назорати ҷамоатӣ аз болои мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ чиҳати хеле муҳим мебошад. Баробари ин **баробарҳуқуқии адвокат ва прокурор дар низоми суд** ба таъмин кардани ҷараёни суди одил имкон фароҳам меоварад. Дар натиҷа, низоми ҳуқуқи давлатӣ барои шахрвандон ба такягоҳ табдил меёбад.

Маълум аст, ки масъалаи муборизаи бар муқобили тамаъгарӣ дар Ӯзбекистон яке аз самтҳои устувори сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Барои муттасил давом додани ҷараёнҳои мазкур дар барномаи пешазинтихоботии Ҳизби демократии «Миллиӣ тикланиш» таклифи ҷорӣ намудани идораи **«Санҷиши ҳалолкории хидматгузори давлатӣ»**, мунтазам кам кардани миқдори хидматчиёни давлатӣ пешниҳод гардидааст.

«Миллиӣ тикланиш» ба мунтазам **такомул ёфтани фаъолияти** парлумон ва **ҳизбҳои сиёсӣ** эътибори махсус медиҳад. **Пурзӯр кардани нақши парлумон дар идораи давлат, назорати иҷрои қонун**, таъмин намудани фаъолияти шаффофи давлат ва мақомоти иҷроияи он ба рушди муттасили давлат ва адолат боис мешаванд. Дар ин маврид **назорати самарабахши парлумонӣ нисбати фаъолияти ҳукумат** кафолати ба ҳаёт дуруст татбиқ гардидани ҳар як қонун аст.

Масъалаи мустаҳкам кардани оила, аҳамияти онро ҳамчун ҳалқаи асосии ҷомеа баланд бардоштан дар маркази эътибори мо қарор дорад. Вобаста ба ин дар барномаи ҳизб вазифаҳои идома додани **корҳои баррасии низоъҳои оилавӣ, ихтисосонидани судҳо, васеъ кардани** истифодаи доираи **идораи оштӣ бо ризоияти ҷонибҳо**, оила, даъвои мерос, манзил ва ҳаллу фасли низоъҳои дигари ҳаёт **бо дарназардошти суннатҳоямон**, дарёфтани роҳҳои мусоро барои **то ба суд накашидани** низоъҳо пешбинӣ гардидаанд.

Таъминсозии амният, ҳамгароии байнимиллӣ ва кушодадилӣ вазифаи муҳими мост

Ҳизби мо ба масъалаи инкишоф додани мавзеи бехатари ахбори миллӣ бо дарназардошти «**Асри XXI – асри ахбор»** қаробат мегирад ва ташаббуси коркарди консепсияи **«Сиёсати ахбори Ӯзбекистони Нав»** ва дар пояи он доктринаи **«Амнияти ахбор»-ро** пеш мегузорад.

Ҳамчунин ҳизби мо афзудани эътибор барои пешгирии офатҳоеро, ки ба ҳаёти аҳолӣ хатар меоваранд, муборизаи бар муқобили дигаргуниҳои ҷаҳонии иқлим, масъалаи ҳифзи аҳолӣ аз вазъиятҳои фавқулодаро маъқул мешуморад. Баробари ин ба муҳофизати давлат гирифта шудани захираҳои обро дастгирӣ менамояд, ҳамчунин ташаббуси қабул намудани барномаи **«Баланд бардоштани маданияти истеъмоли об»**-ро пеш мегузорад.

Ҳизби мо дар атрофи эҳсоси дастгирӣ намудани ғояи **«Мо ягона ҳастем, ӯзбекистонием!»** муттаҳид шудан, мустаҳкам намудани ҳаёти орому фаровони шахрвандон ва ягонагии онҳо, масъулият ва дахлдориашонро барои дӯстӣ, аҳлӣ, ватанпарварӣ ва тақдири мамлакат пеш мегузорад.

Ҳизби мо ҷонибдори муттасил беҳтар кардани ҳамкории амалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, беш аз пеш мустаҳкам намудани робитаҳо бо дунёи туркӣ буда, дар сиёсати хориҷӣ қатъиян ҳифз намудани манфиатҳои миллӣ, сиёсати беш аз пеш пурзӯр намудани алоқаҳои ҳамкории дуҷонибаро ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад.

Фикр мекунем, ташаббусҳои дар боло зикршудаи аз ҷониби ҳизби мо пешбарӣ гардида, барои тараққиёти кишвар ба сифати нируи илҳомбахш саҳм мегиранд.

Ҳизби демократии «Миллиӣ тикланиш» баҳри таъмин сохтани таклиф ва ташаббусҳои ҳаётбахше, ки дар Барномаи пешазинтихоботии он барои солҳои 2025-2029 пешбинӣ гардидааанд ба манфиати халқ ва Ватанамон хидмат мекунанд, ба дастгирии Шумо, интихобкунандагони азиз, такя мекунад. Дар интихоботе, ки дар Палатаи қонунгузории Олий Мачлис ва Шӯроҳои маҳаллӣ мегузаранд, овози шумо ба номзадҳои ба ҳизби мо ва аз ҳизби мо пешбарӣ гардида, эътимоди Шумо нисбати мост!

Дар атрофи ғояи **«Тараққиёт бо такя ба суннатҳо»** ҷамъ омада, пешрафти мамлакатро ҳамҷиҳатона таъмин созем!

Миродил АБДУРАҲМОНОВ,
муовини раиси Шӯрои марказии Ҳизби демократии «Миллиӣ тикланиш».

БА ҲИЗБИ ДЕМОКРАТИИ «МИЛЛИЙ ТИКЛАНИШ»-И ӮЗБЕКИСТОН ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

ШАТРАНҶ: НОМ ВА ТАРЗИ ҲАРАКАТИ МУҲРАҲОИ ОН

(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

ГУСТАРИШИ ШАТРАНҶ ДАР ҶАҲОН

Рушди сареъи шатранҷ аз асри XVIII дар Аврупо оғоз гардид. Дар ин давра Андре Филидори фаронсавӣ беҳтарин шатранҷбози ҷаҳон ба шумор мерафт. Аммо дар асри XIX Лондон ба маркази бузурги шатранҷи ҷаҳон мубаддал шуд. Дар ин ҷо бори нахуст бошишгоҳҳои шатранҷ бунёд шуданд, ҳамчунин таълифи китобҳои гуногуне дар бораи шатранҷ равнақ гирифт ва рӯзномаю моҳномаҳо бахшҳои муҳиме аз нашрияи худро ба ин бозӣ ихтисос доданд. Шатранҷ дар Олмону Маҷористон ҳам алоқамандони зиёде пайдо кард. Миёни шаҳрҳои Аврупо мусобиқоти мухталифе барпо шуданд. Дар соли 1858 шатранҷии номии амрикоӣ Поул Морфӣ ситораи шатранҷи Аврупо Адолф Андерсенро шикаст дод. Морфӣ аз нобиғагони шатранҷ буд ва то поёни зиндагияш касе ӯро натавонист мағлуб кунад. Ӯ дар барқарории қавонини раҳбурди (стратегӣ)-и шатранҷ дар мавқеъҳои боз бузургтарин саҳм гузошт.

Расман мусобиқаи қаҳрамонӣ (чемпионат)-и ҷаҳон оид ба шатранҷ дар охирҳои асри XIX ба роҳ монда шуд. Аввалин мусобиқаи расмии қаҳрамонии ҷаҳон соли 1886 дар ИМА баргузор гардид. Ғолиби он Вилҳелм Стейнитси австриягӣ нахустин қаҳрамони шатранҷи ҷаҳон эълом гардид. Аз он замон то кунун танҳо 16 нафар ин унвонро ба даст овардаанд, ки В. Стейнитз, Э. Ласкер, Х. Р. Капабланка, А. Алехин, М. Эйве, М. Ботвинник, В. Смислов, М. Тал, Т. Петросиён, Б. Спасский, Р. Фишер, А. Карпов, Г. Каспаров, В. Крамник, В. Ананд, М. Карлсен мебошанд.

Мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон оид ба шатранҷ дар байни занон соли 1927 роҳандозӣ шуд ва нахустин қаҳрамон дар миёни бонувон Вера Менчик, аз кишвари Чехия буд.

Дар соли 1924 Созмони байналмилалии шатранҷи ҷаҳон (FIDE) таъсис ёфт ва мусобиқоти шатранҷ тадриҷан бештару мутанавеътар шуданд. Аммо рақобатҳои байналмилалии шатранҷ дар тӯли Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ боздошта шуд. FIDE масъулияти баргузории рақобати қаҳрамонии шатранҷи ҷаҳонро бар ӯҳда гирифт. То кунун 170 федератсиуни миллӣ узви FIDE ҳастанд.

Алҳол шатранҷ ба таври васеъ пеш меравад, навъҳои гуногуни шатранҷ таваҷҷуҳи мардумонро ба худ ҷалб карда, ҳамчунин мусобиқоти мухталиф дар ҳар намуди он баргузор мешавад. Аз ҷумла, бозии барқосо ё худ блитс (аз олмонии Blitz – барқ), бозии мукотибаӣ,бозии сареъ аз бозиҳои роиҷ дар шатранҷ, бо муқаррароти замони на беш аз як соат барои як дидор (ба ҳар кадом рақиб вақти на беш аз 30 дақиқа), бозии ҳамзамон (сеанс) мусобиқаи шатранҷи оммавист, ки дар он нафаре ҳамзамон бо якчанд нафар бозӣ мекунад.

Бозии чашмбаста ё бозии нодид, ки бозикун (ба танҳоӣ, ё якҷо бо рақиб), бидуни он ки ба тахтаи шатранҷ нигарад, ҳаракати муҳраҳоро (бо такя бар неруи ҳофиза) эълом медорад. Аз афроде, ки бори нахуст бо чашми баста шатранҷ бозидаанд, Саййид ибни Ҷубайд (ваф. 714) ёдоварӣ шудааст. Дар Аврупо перомуни бозии чашмбаста нахустин бор соли 1265 ёд мешавад. Алоуддини Шатранҷӣ дар дарбори Темури Курагон (1336 – 1405), бо чашми баста дар як вақт бо 4 нафар шатранҷ мебозид. Филидор – устоди фаронсавӣ бо се нафар ва Пол Марфии амрикоӣ бо 10 нафар устодони мумтоз зӯрозмоӣ кардааст.

Обидҷон ШАКУРЗОДА.

МАРКАЗИ МАДАНИЯТИ ПЕШКӮ

Сарвари давлат дар видеоселектор, ки 5 феврали соли ҷорӣ ба амал омад, бобати дар ҳар як ноҳия ташкил намудани маркази маданияти дорои толори кино, китобхона ва хонаҳои маҳфилгузаронӣ супориш дода буд. Боиси хурсандист, ки дар ҳудудҳо чунин марказҳо созмон меёбанд. Чанд рӯз муқаддам дар ноҳияи Пешкӯ низ чунин марказ ба кор сар кард.



Биное, ки солҳои 80-уми асри гузашта дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Туркистон» ҳамчун идораи колхоз ва сонитар чун маркази фарҳанги рақами 37-уми «Янги диёр» хидмат мекард, муҳтоҷи таъмир буд. Ниҳоят ба мақсади таҷдиди бино аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 649 миллион сӯм маблағ ҷудо гардид. Чандин моҳ дар ин ҷо ҷараёни таъмир сурат гирифт. Ҳамин тариқ, бинои дуошёна намуди ҷозибанок пайдо кард ва китобхона, кинотеатр ва толори мусиқаю тамошо ба кор пардохт. Ҳоло дар марказ маҳфилҳои рубобу доиранавозӣ, сароянда гии эстрадӣ ва рақс созмон ёфта, дар онҳо бештар аз 100 нафар хоҳишмандон ҷалб шудаанд. Дар назди марказ дастаи ҳаваскорони халқии «Миришкор» низ ташкил ёфт. Вай дар тадбирҳои гуногуни мадании маҳалла иштирок карда, мардумро бо савту сурудҳои дилкаш шод мегардонад.

Дар ин ҷо бо назардошти талаби ҷавонон гурӯҳи омӯзиши забони англисӣ низ дар арафаи кор аст.

Дар маросими кушодашавии марказ ҷонишини аввали вазири маданият Авазхон Тоҷихонов, ҷонишини ҳокими вилояти Бухоро Ботирҷон Шаҳриёров, ҳокими ноҳия Ваҳҳоб Қаҳҳоров ва намояндагони ҷамоатҳо иштирок карданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Ба ифтихори 100-солагии «Овози тоҷик»

«ОВОЗИ ТОҶИК» – МИНБАРИ БАЛАНДИ МИЛЛАТ

(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

«Овози тоҷик» дар муддати фаъолияти дусолаи худ ба сахттарин рӯзҳо ва бадтарин буҳрони молӣ гирифтор гардид. Аз ҳаёти худ ноумед шуда бошад ҳам, тавонист соли дуюми худро ба поён расонад». (Ҳамон манбаъ).

Ҳоли табоҳи рӯзномаро нашрияҳои ӯзбекӣ низ иқрор кардаанду дар табрикоти худ ба муносибати пур кардани дусолагии «Овози тоҷик» аз ин ёддовар шудаанд:

«Ҷаридаи «Овози тоҷик» дар муддати ин ду сол бо ҳазор гуна сахтию мушкилиҳо бошад ҳам, хонандагонашро маҳрум накарда, эҳтиёҷи тоиконро як қадар таъмин карда омад». (Ҳамон манбаъ).

«Ҳамқаламони «Овози тоҷик» дар муддати ду сол, агарчи ба чандин буҳрони молию маънавӣ дучор гардида бошанд ҳам, дар олами матбуот хидматҳои муҳимме нишон дода». (Ҳамон манбаъ).

Идораи рӯзнома бо ин ҳол маҷбур мешавад, эълом дорад: «Аз якуми моҳи ноябр ба ҳеҷ кас ҷаридаи «Овози тоҷик» маҷҷонӣ (бепул) фиристода намешавад, ба ғайри идораҳои рӯзномаҳо, ки ба тариқи мубодила аст». («Овози тоҷик», №65, 19 октябри с.1925).

Дастандаркорони вақти рӯзнома дилсард нагардида, талош мекунанд, ба сад кӯю дар сар мезананд, то ба ҳеҷ ваҷҳ нагузоранд нашри рӯзнома қатъ гардад. Аз камтарин ёрӣ хушҳолӣ мекунанду сипоси худро тавассути рӯзнома эълон медоранд: «Аз ҳамватанони фаъоламон рафиқ Муллоабдулрафиқ Эргашзода, ки аз ходимони қавии иҷрои Самарқанд аст, дар сояи ташаббуси худ аз музофот обуна чида, ба мо муштарӣ кунониданро ваъда медиҳад. Аз ин ҷиҳат ба рафиқи мазкур идора ташаккур мехонад. Дар ҳақиқат ин гуна фаъолон ба даруни масъулкоргарон хеле камёбанд». («Овози тоҷик», №55, 15 сентябри с. 1925).

«Аз қитъаи Конибодом, аз муштариёни ҷаридаи «Овози тоҷик» ба воситаи рафиқ Комилзода 50 манот гирифта будам. Дар ин рӯзҳо ба идора 61 маноту 50 тин ба ҷарида муштарӣ кунонида, пул фиристоданд. Боз ҳам ваъда медиҳанд, ки аз Конибодом бештар муштарӣ пайдо кунанд. Ба ин хидмати тараққипарваронаи рафиқамон Комилзода изҳори ташаккур мекунам». («Овози тоҷик», №63, 15 октябри с.1925).

«Овози тоҷик» шароит фароҳам оварда, ки тоҷикон барои ҳимояи манфиатҳои миллии худ садо баланд бикунанд. Дар он миён, дар самои адаби тоҷик тобноктарин ситора устоди бузургвор Садриддин Айнӣ буд. Чун бо корбурд аз тафаккур ва тадаббур ба навиштаҳои устод назар мекунем, мебинем, ки ҳар навиштаи эшон муҳиму бамавқеъ ва дарҳӯри ниёзҳои миллату ояндасозанд. Аз масоиле пайгирӣ мекунад, ки то ӯ касе ба онҳо дахл накарда ва услуби баёнаш низ аз дигар қалам-бадастони вақт тафовут дорад. Он орӣ аз муғлақбаёнӣ, дар аксар маврид дур аз корбурди калимоти бегона буда, ҳамафаҳм аст. Ҳамзамон бо таваҷҷуҳ ба масоили муҳими сарнавиштсоз роҳҳои ҳал ва рафъи онҳоро низ ироа медорад. Гоҳе аз вазифаҳои рӯзнома ҳарф мезанаду гоҳе аз қобилияти ташкилотчигии тоҷикон, гоҳе роҷеъ ба омӯзонидани ҳаммилатонаш таваҷҷӯҳ мекунаду гоҳе ба зиндагии пурмашаққати мардуми кӯҳистон, гоҳ аз вазъи табъу нашр мегӯяду гоҳе аз ташаккули забон, гоҳе барои бастани даҳони бефароз вошудаи инкоркунандагони ҳастии миллати тоҷик дар навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик» аз ҳаммиллатонаш муроҷиат ба миён меораду гоҳе ба ёваҳои Бактош посух мегӯяд. – Ба болои ҳамаи ин устод дар ин айём боз ба офаридани нахустпевести даврони шӯравии адабиёти тоҷик – «Саргузашти як тоҷики камбағал» («Одина») сахт банд аст.

(Давом дорад).

Сирочиддин ИКРОМӢ.

«Адабиёт ва санъат», 22 августи соли 2024, № 33.



АВТОБУСҲОИ НАВ ДАР СИРДАРЁ

Дар доираи татбиқи қарори Сарвари давлат «Дар бораи чораҳои ислоҳоти соҳаи нақлиёти ҷамъиятӣ» дар назар аст, ки то охири соли ҷорӣ парки нақлиёти ҷамъиятии вилояти Сирдарё бо 40 автобуси нав таъмин карда шавад.

Дар марҳилаи аввал 8 автобуси нави аз ҷиҳати экологӣ тоза ва замонавии ширкати «Yutong Bus» ZK6890HG аз ҷониби Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Учлик ишонч савдо» оварда шуд.

Бо ташаббуси вакилони ширкати «Yutong Bus»-и Чин автобусҳои нав ба ҳокими вилоят Акмалҷон Маҳмудалиев ботантана супурда шуд. Дар чорабинӣ вакилони ҳокимият, масъулини Вазорати нақлиёт, соҳибкорон ва аҳли ҷомеа ширкат варзиданд.

Иштироккунандагони чорабинӣ бо шароити техникӣ ва қулайҳои автобус аз наздик шинос шуданд. Автобус бо 26 ҷойи нишаст, дастгоҳҳои хунуккунӣ ва гармидиҳии ба иқлим мувофиқ, инчунин системаи GPS ва камераҳои махсуси видеоии назоратӣ муҷаҳҳаз гардидааст. Дар салони автобусҳо дастгоҳи системаи пардохти электронӣ кор мекунад.

Ҳокими вилоят таъкид намуд, ки дар маркази вилоят бо рафтуомади зиёди мусофиркашонӣ ва дар як қатор хатсайрҳои нав ҳаракати автобусҳо ба роҳ монда мешавад. Дар натиҷа вақти сафар дар хатсайрҳои мавҷуда кам шуда, ҷалби сайёҳии дохилии шаҳр меафзояд. Инчунин, чандин ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти СИРДАРЁ.

Ба пешвози 1200-солагии муҳаддис Абуисо Муҳаммад ат-Тирмизӣ

НИГОҲЕ БА ОЛАМИ ИЛМИ ҲАДИС

Осиёи Марказӣ аз марказҳои бузургтарини олами ислом буда, олимону шоирон, муҳаддисон, муфассирон, зоҳидону обидон, табибону файласуфони зиёдеро дар канори худ парвардааст. Онҳо дунёро бо чароғи илму ирфон равшан сохтаанд. Намояндагони бузурги илму адаб ва дини Бухорову Самарқанд, Хоразму Тирмизу Қаршӣ, Тошканду Фарғона тасбити дақиқи ин фикр ҳастанд.

Ин нуктаро ҳаёт ва фаъолияти ҳадисшиноси бузург, ҳамватани мо Абуисо Муҳаммад ат-Тирмизӣ низ тасдиқ мекунад.

Ҳадисшиноси барҷаста, намояндаи бузурги олами ислом, Абуисо Муҳаммад ат-Тирмизӣ дар соҳаҳои илми ҳадис, фиқҳ, тафсир, таърих, мантиқ ва ғайра беназир буд. Меҳру муҳаббат нисбати илм ӯро водор сохт ба шаҳрҳои Хуросон, Ироқ, Арабистон ва ғайра сафар карда, аз сармояи илм баҳравар гардад. Ӯ аз уламои машҳури замон – ҳадисшиносони бузург мисли Имом ал-Бухорӣ, Имом Муслим, Абудовуд, Қутайба ибни Саъид, Исҳоқ ибни Мусо, Маҳмуд ибни Ғилон ва дигарон таълиму тадрис гирифта, ба камолоти маънавӣ расид. Ӯ, ба хусус бо пешвои ҳадисшиносон Имом ал-Бухорӣ дӯстиву рафоқат дошта, аз ҳамдигар файзу баракат гирифтаанд. Имом Тирмизӣ шогирди ин зоти табаррук буд. Онҳо ҳамеша дар масъалаҳои душвор ба ҳамдигар ёрӣ мерасониданд. Имом ал-Бухорӣ доир ба ин зот мегӯяд: «Нафъе, ки ман аз ту гирифтам, аз гирифтаи ту аз ман зиёдтар аст».

Имом ал-Бухорӣ устоди ҳадисшиносон буда, «Саҳиҳи Бухорӣ»-и ӯ дар тамоми донишгоҳу мактабҳои исломии олам омӯзонида мешавад. Имом Тирмизӣ, ки аз мактаби ҳадисшиносӣ баҳравар буд, низ дар соҳаи илми ҳадис китобҳои муътабареро иншо намуд. Онҳо то ҳол мавриди омӯзиши олимону ҳадисшиносон, толибону шефтаи илм ҳастанд. Китобҳои мазкур ҳама оид ба оинҳои нек буда, одамиро аз ҷаҳолат ба роҳи пурсаодат раҳнамун месозанд.

Аҳамияти илми ҳадис дар тамоми соҳаи ҳаёти дунявиву ухравӣ бузург буда, инсонро огоҳ менамояд, то соҳиби ҳаёти судбахш бошад.

Баъд аз истиқлол ба омӯхтани мероси гаронбаҳои ниёгонамон роҳи васеъ кушода шуд. Дар натиҷа барои тадқиқу таҳқиқи ҳаёту фаъолияти гузаштагонамон заминаи мусоид фароҳам омад.

Имом ат-Тирмизӣ Муҳаммад ибн Исо ибн Савра ибн Мусо ибн аз-Заҳҳок ас-Суламӣ аз-Зарир ал-Бӯғӣ ат-Тирмизӣ соли 824 милодӣ дар деҳаи Бӯғи наздикии шаҳри Тирмиз таваллуд шудааст. Падару модараш шахсони соҳибмаърифат, донандаи илми дин, соҳибтақвову парҳезкор, худдорӯю олиҳиммат буда, ба тарбияи фарзанд эътибори ҷиддӣ додаанд. Бино ба маълумоти муаррихон: «Бобояш аслан зодаи шаҳри Марв аст», ки бо тақозаи давр ба Тирмиз кӯчида омадааст.

Ӯ дар маъхазҳо бо се тахаллус машҳур аст. Инҳо: Ат-Тирмизӣ, Аз-Зарир, Ал-Бӯғӣ мебошанд. Таърихнигори машҳури Осиёи Марказӣ Саъд Абдулкарим ас-Самъонӣ (1113 -1167) чунин менависад: «Лақаби ал-Бӯғӣ гирифтани ин зот аз сабаби дар деҳаи Бӯғ (аз деҳаҳои ноҳияи Шерободи вилояти Сурхондарё) вафот карданашон мебошад. «Аз-Зарир» аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои «шахси нобино»-ро дорад. Баъди фавти устоди комилаш муҳаддиси бузург Имом ал-Бухорӣ аз сабаби бисёр гиристан чашмонаш нобино мешаванд. Ба ин омил лақаби «Аз-Зарир»-ро гирифтаанд». Тахаллуси дигаре, ки барои ҳамаи ҷаҳониён машҳуру маълум аст, ин «Ат-Тирмизӣ» буда, дар аксар китобҳои тадқиқотии гузаштаву ҳозира бо ин ном зикр мешавад. Азбаски муҳаддис дар наздикии Тирмиз зиста, ба мактаби ҳадисшиносии ин сарзамин пойдевори мустаҳкам гузошт, чунин нисбат ҳамчун унвони фахрӣ ба он кас дода мешавад. Аз хурдӣ қуввааи ҳофизаи қавӣ дошта ба тамоми илмҳо қаробат намуда, тарбияву илми аввалинро аз падар гирифт, сониян аз устодони комил илмҳои лозимаро меомӯзад. Ӯ умри пурбаракоти худро то рӯзи вопасин дар сафару талаби илм, саодатхоҳӣ бахри фарзанди одамизод гузаронда, аз муҳаддисони машҳур таълим гирифт ва китобҳо тасниф намуд. Ин зот аз рӯйи гуфтаи таърихшиносон ҳамеша дар талаби ризоияти Аллоҳ нафасеро зоеъ намегузаронид, гоҳо машғули илми ҳадис буду гоҳо машғули ибодат... Хулоса, шарҳи ҳоли ин бузургвор оинаи ибрат барои тамоми табақаҳои иҷтимоӣ мебошад. Соли 892-уми милодӣ муҳаддиси ҷаҳонӣ Абуисо ат-Тирмизӣ дар деҳаи Бӯғи назди Тирмиз аз олами фано ба олами бақо реҳлат кард. Аз марги ин бузургвор 1124 сол гузашта бошад ҳам, номи накӯяш дар хотири башар муҳр бастааст.

«Сунани Тирмизӣ» китоби ба ҳадис бахшидашудаи Абуисо Тирмизӣ мебошад. Ҳадисҳоеро, ки забони Пайғамбари гиромии ислом (с.а.в) саҳобагону муҳаққиқон, ровиёну аҳли салаф шунида будаанд, ба саҳиҳу носаҳиҳ, ҳасан ё заиф, ғариб ё машҳур ҷудо карда, дар ин китоби муътабар ҷамъ оварда, пешкаши тамоми мусалмонҳои рӯйи дунё намудааст.

Ин китоб дар маъхазҳо бо номҳои «Ал-ҷомеъ ас-саҳиҳ», «Ал-Ҷомеъ ал-кабир», «Саҳиҳи ат-Тирмизӣ» ва унвони аз ҳама маълуму машҳураш «Сунани Тирмизӣ» зикр гардидааст. Сабаби ин гуна ном гирифтани асар он аст, ки дар асри Абуисо ат-Тирмизӣ шаш китоби «Ал-Ҷомеъ ассаҳиҳ» ба вуҷуд омадааст. Монанди «Саҳиҳи Бухорӣ», «Саҳиҳи Муслим» ва дигарҳо. Саҳиҳ худ маънои дуруст, рост, солим, аз дурӯғу бухтон холиро дошта, сухан ва маҷмӯи амалҳоеро мегӯянд, ки ба манфиати башар нигаронида шудаанд.

Олимон китобҳои ҳадисро беҳтарин манбаъ баъд аз китоби муқаддаси осмонии «Қуръон» медонанд.

«Сунани Тирмизӣ» аз китобҳоест, гуфтору рафтор, амалҳои писандидаи Расули акрам (с.а.в)-ро мучазу дилпазир муҷассам намуда, фарзанди одамиро ба роҳи ҳаёт равона месозад.

Ин асар аз ҷиҳати таркиб ба мавзӯъҳои таҳорат, салот (намоз), закот, рӯза, ҳаҷ, ҷаноза, никоҳ, одоби ба фарзанди дигар шир додан, талоқ, савдову тиҷорат, аҳкоми қозигӣ намудан, додани ҳаққи моли дигарон, меъёр, қоидаи шикор, қурбонӣ намудан, назр, имон, сират, ҷиҳод, либос, таомҳо, нӯшиданиҳо, хайру эҳсон, саховатпешагӣ, табобат, фароиз, васиятномаҳо, хайрхоҳӣ намудан, тақдири азал ва ғайра бахшида шудааст. Ҳар як мавзӯе, ки баррасӣ мешавад, мантиқан ба мавзӯи баъдӣ вобастагӣ дошта, онҳо якдигарро пурра мекунанд. Бад-ин тариқ, ҳар боб низ аз мавзӯъҳои ногусастанӣ иборат буда, барои хонанда ҷиҳати таълимиву тарбиявӣ дорад.

Рамазон АБДУЛЛОЕВ,
устоди Донишгоҳи давлатии Тирмиз, дотсент,
Карроматуллоҳи АЙНУЛЛОҲ,
магистранти бахши дувуми ДДС.

Китобхона

КИТОБҲОИ МИЛЛӢ-ЧӢ?

Табрикномаи ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсуновро ба аҳолии вилоят бахшида ба 33 солагии Истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон хондам, ки ба сарҳати зер таваҷҷуҳам афзуд: «Дар соли хониши гузашта аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ бо маблағи 492,8 миллион сӯм 75 ҳазор дона китоби бадеӣ ба китобхонаҳои мактабҳо дода шуд.

Фонди китоби китобхонаи мактабҳои вилоят соли 2023 933 ҳазору 375 донаро ташкил дода, ҳар толибилмро 5 донагӣ рост меомад. Соли 2024 фонди китобхонаҳои мактабӣ ба 1 миллион дона расонида шуд, ки ба ҳар як нафар толибилм 6 донагӣ рост меояд»

Субҳи рӯз ба китобхонаи мактаби ҳамагонии рақами 30-юми ноҳияи Нурато рафтам. Мудири китобхона Аниса Раҳимова дар ҷойи кор буд. Омӯзгори ҷавон Солиҳа Раҳимова китоберо мутолиа мекард. Суолаш додам: – Оё солҳои 2023-2024 ба китобхонаи мактаб аз буҷаи давлатӣ китоби бадеӣ ба забони тоҷикӣ ворид шудааст?

– Китоби нав ба забони тоҷикӣ наомадааст. Гоҳ-гоҳ хатмкардагони мактаб китоб туҳфа мекунанд. Ин китобҳоро хатмкардагон туҳфа кардаанд, – ҷевонеро нишон дода гуфт китобдор. – Китобҳо асосан китобҳои адибони давраи шӯравӣ мебошанд, яъне китобро бештар куҳансолон туҳфа мекунанд.

Дар ҷевони дигар осори адибони имрӯзаи Ӯзбекистон гузошта шудааст, ки ба забони тоҷикӣ эҷод мекунанд. Ин ҷо намунаҳо аз осори Паймон, Абдулло Субҳон, Юнуси Имомназар, Ҳикмати Ҳикмат, Фаридуни Фарҳодзод ва дигарон гузошта шудааст, ки ин адибон асосан дастпарварони деҳоти кӯҳпояи Нурато мебошанд. Аммо, «Девон»-и Паймон ба назар нарасид. Китобҳои мавҷуд аз ҷониби муаллифон тӯҳфа шудаанд.

Аз осори адибони дигар воҳаҳои ҷумҳурӣ, ҷуз баъзе намунаҳои осори Асадуллоҳ Исмоилзода ва чанд ҳикояву новеллаҳои Шариф Халил, ки дар маҷмӯаи «Се барги сабз» (Тошканд, 2019) гирд оварда шудааст, намунаи дигар пайдо накардем. Пас толибилмон доири осори Абдулло Раҳмон, Сулаймони Хоҷаназар, Ҷаъфар Муҳаммад, Ҳадяи Бухоро, Маҳбуба Турсунова, Адаш Истад ва дигарон маълумот пайдо намекунанд, аз мавҷуд будани ҳавзаи бузурги адабии Ӯзбекистон огоҳӣ надоранд. Дар бораи осори адибони форсизабон дар Тоҷикистон, Эрону Афғонистон ва соири кишварҳои Осиёву Аврупою Амрико дақиқан маълумот надоранд. Маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ», ки дар ин росто саҳми беназир мегузорад, ҳамаро дастрас нест, яъне ҷуз ду-се нафар аз деҳаи Сойхурд касе ба он обуна нест. Дар китобхона ҳар як шумораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ва дигар нашрияҳо бастаи худро доранд, вале хонандаро не! Ҳатто на ҳамаи омӯзгорон аз ин раванд бархурдоранд.

Ин ҷо маро чизи дигар водори андеша намудааст. Ҳокими вилоят доири соли 2023 ба китобхонаҳои мактабҳои вилоят «аз буҷаи маҳаллӣ бо маблағи 492,8 миллион сӯм 75 ҳазор дона китоби бадеӣ» додан хабар медиҳад.

Дар мактабҳои вилояти Навоӣ ба чаҳор забон – ӯзбекӣ, русӣ, қазоқӣ ва тоҷикӣ таълиму тарбия дода мешавад. Тибқи маълумоти китобдори мактаби рақами 30 дар чор-панҷ соли охир ба китобхона аз буҷаи давлатӣ ҷуз китобҳо ба забони давлатӣ ба забони тоҷикӣ китоб надодаанд. Ҳол он ки дар Ӯзбекистон ба ин забон пайваста китобҳои бадеӣ табъу нашр мегардданд.Соли 2019 аз маблағи буҷаи давлатӣ 12 номгӯ китоби бадеӣ ба забони тоҷикӣ, аз ҳар номгӯ 32 донагӣ овардаанд.Ин китобҳо асосан иборат аст аз тарҷумаи осори адибони ӯзбек ба забони тоҷикӣ.

Хостам аз вазъияти китобхонаи мактабҳои таълимаш қазоқӣ огоҳӣ пайдо кунам. Ба ин мақсад бо китобдори мактаби рақами 35 Дилфуза Мирзаева дар тамос шудам. Ӯ низ таъкид дошт, ки пас аз соли 2019 аз буҷаи давлатӣ ба хазинаи китобхона китоби бадеие ба забони қазоқӣ ворид нашудааст. Дар чаҳор мактаби дигари таълимаш ба забони тоҷикии ноҳия низ вазъият чунин буд.

– Оё шумо бо талабнома ба шуъбаи таълими мактабӣ ва томактабии ноҳия мурочиат кардаед, ки барои китобҳои бадеӣ ба забони тоҷикӣ низ маблағ ҷудо кунад, – мепурсам аз Аниса Раҳимова.

– Ҳа, борҳо бо талабномаи хаттӣ мурочиат кардаем, вале натиҷа нест.

Суол пайдо мешавад, магар маблағҳои буҷавӣ барои мактабҳои таълимаш ба забонҳои миллӣ ҷудо карда намешавад? Шояд талабномаҳо дақиқ нестанд?! Дар талабномаҳо бояд номгӯйи китобҳои тозанашр ба забони тоҷикӣ инъикоси худро ёбад. Дар ин раванд низ маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» кӯмаки беғараз расонида истодааст. Дар саҳифаҳои охири ҳар як шумораи ин маҷалла доири «Китобҳои тозанашр» хабарҳои Асалой Сархатзода табъу нашр мегардад. Номгӯйи китобҳои бадеии тоҷикиро аз ин ҷо дарёфт кардан мумкин аст.

Маҳз китобхонӣ инсонро бахту саодат оварад. Китоб ба ташаккулёбӣ ва рушди маърифату маънавият, худшиносиву худогоҳӣ ва билохира ба такомули забони модарии инсон кӯмак мекунад. Дар ин маврид шоир фармудааст:

Асоси зиндагонӣ хоку об аст,
Ва боду оташ асту офтоб аст.
Валекин манбаи фарҳанги миллат,
Китоб асту китоб асту китоб аст.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.



Ба падару модарони куҳансоле, ки дар Маркази дастгирии иҷтимоии вилояти Андиҷон будубош доранд, ҳамчунин ба собиқадорони дорои тоифаи баланданд, хидмати шоиста расонда мешавад. Ба ҷуз ин, дар марказ бино ба самтҳои «Муддати кутоҳу дароз», «Хидмати рӯзона» ва «Хидмати мобилӣ» хидмати пулакӣ роҳандозӣ шудааст.

Маъюбони марказ ва онҳое, ки ба нигоҳубини дигарон ниёз доранд, таҳти назорати доимии табибон мебошанд.

Аксбардор: З.УМУРЗОҚОВ (ЎзА).

11 сентябри соли ҷорӣ дар видеоселектор, ки таҳти раёсати Сарвари давлат гузашт, масъалаи ихтисори камбизоатӣ, ба марҳилаи навбатӣ бардоштани он баррасӣ гардид.

ДАСТГИРИИ ОИЛАҲОИ КАМДАРОМАД

Бинобар ин, дар ноҳияи Когони вилояти Бухоро низ корҳои назаррас ба сомон мерасад. Аз ҷумла, дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Баҳоуддин Нақшбанди ноҳия оиди фароҳам овардани шароити муносиби зист, маҳдудсозии камбизоатӣ, беҳтар намудани бо шуғл фарогирии шаҳрвандон корҳои шоиста анҷом меёбанд. Дар ин ҷо дар 1003 хонадон беш аз 5100 нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад. Баъди омӯхтани вазъи иҷтимоии сокинон бобати расондани кумак ба эҳтиёҷмандон чораю тадбирҳо андешида шуд. Аз ҷумла, бо саъю кӯшиши кормандони маҳалла ба 138 нафар бо мақсади киштукор ва таъмини рӯзгор қитъаҳои замин ба мӯҳлати дароз ба иҷора дода шуда, ба 58 нафар шаҳрвандон ба андозаи 1 миллиарду 200 миллион сӯм кредит дастрас гаштааст. Ҳамин тариқ, ба 14 нафар бонувон ва ҷавонон, ки шомили дафтар ҳастанд, субсид пешниҳод гардид.

Ҳоло дар ҳамаи маҳаллаю деҳоти ноҳия ҷараёни кор бо мақсади дастгирӣ намудани оилаҳои дармонда, бо роҳи ба соҳибкорӣ ҷалб намудани онҳо ихтисори камбизоатӣ вусъат меёбад.

А. АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Таърихи диёрро меомӯзем

ГАҲВОРАИ «ШОҲНОМА»— БУХОРО

Тавре ки аз таърихи қадимаи халқамон медонем, шоҳномасароӣ бори нахуст дар Бухоро аз тарафи шоири дарбори Сомониён Дақиқӣ оғоз меёбад. Вақте ки ду ҳазор байти он иншо шуд, рақибони Дақиқӣ бо дасти хидматкораш ӯро аз байн мебаранд. Он гоҳ мушкилие пайдо шуд, ки акнун чӣ бояд кард? Азбаски Рӯдакии бузург пир шуда буд, кофтукови чунин шоире оғоз шуд, ки бо услуби Дақиқӣ «Шоҳнома»-нависиро бояд идома диҳад.

Ва дараки он шоири тавоно аз вилояти Тӯси Эронзамин баромад. Дарҳол Абулқосими Фирдавсӣ ба Бухоро даъват карда шуд. Фирдавсӣ ба ин шаҳр омада, як сол зиндагӣ кард ва тамоми нусхаҳои насрии «Шоҳнома»-ро бо худ гирифта, ба зодгоҳ баргашт.

Шоири бузург, қасидасаройи тавоно дар бадали сӣ соли расо тамоми қиссаи ҳукмдорони Аҷамзамин, ки аз қадим то аз тарафи арабҳо истило гаридидани ин сарзамин ҳукмронӣ кардаанд, ба қалам гирифааст.

Бо ин фидокориаш Фирдавсӣ ҳам ба худ аз сухан ҳайкали ҷовидона гузошту ҳам номи сулолаи пешинаи шоҳонро умри дубора бахшид.

Саволе ба миён меояд: чаро сулолаи Сомониён, ки дар Хуросон ҳукмронӣ кардаанд, ба назм даровардани достони бисёрасраи шоҳони қадимро харидор шуданд?

Ин фикри худи мо, яъне гуфтанӣ ҳастем, ки яке аз қаҳрамонҳои достони «Баҳроми Чӯбина» Баҳром бобокалони Сомониён буд. Баъди Рустами Достон ин абармард бо дувоздаҳ ҳазор лашкар қӯшуни садҳазорнафараи хоқони Чинро мағлуб сохта, худи хоқонро асир гирифта буд.

Дуюм фарзияи мо чунин аст, ки шоҳ Исмоили Сомонӣ «Барои ҳимояи мардуми Бухоро ман девор мешавам» — гӯён аз набераго ни Йофас — Абӯтурк лашкари зархарид созмон дода, амнияти салтанати Бухороро таъмин карда буд. Он рӯзгор бошад, қувваи туркони зархарид афзуда, онҳо даъвои «тоҷикон ва авлодони онҳо давлати мустақили худро надоштанд»-ро бештар ба майдон мегузоштанд. Мардуми тоҷик, ки таърихи дуру дароз доштанд, дар ин давра пояи тамаддуни инсониятро низ асосгузорӣ бинмуда буданд. Таърихи солномаҳои шоҳигарии сулолаҳо ҷавобе буд ба ин даъвоҳо.

Баъди салтанати Сомониён зиёда аз ҳазор сол агарчанде салтанат аз туркон буд, вале забони давлатӣ тоҷикӣ буд.

Ин сабаби ҳуш пазируфта нашудани баёни назмии ин достон аз тарафи султони турк, инчунин, боиси ҳаҷви шоир гардид…

Ва ин боис буд, ки мардуми Бухоро нисбати шоҳ Исмоили Сомонӣ дар дил меҳри хоссае дошта бошанд. Бинед, садсолаҳо сипарӣ гашт баъди салтанати Сомониён… Вақте ки муғулҳо тараддуди истилои Бухороро доштанд, пеш аз ҳуҷум барои он ки аз назари ин галаҳо сар дар амон бошад, мардуми Бухоро бо рег мақбараи Сомониёнро рӯпӯш намуданд. Ва ин осори қадима то солҳои 30-юми асри бист зери рег монд. Тасодуфан чӯпонбачае ҳангоми чаронидани гӯсфандон ба мағзи замин ҷорӣ шудани реги равонро дида, гунбази ин мақбарарро дарёфт мекунад.

Алимурод ТЕМИРОВ,
Вилояти БУХОРО.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-928.
Адади нашр 4188. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.